ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба тадқиқи диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи "Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷанубии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101–Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст

Мубрамии мавзуи тадқиқии диссертатсионӣ. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ дар Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати шашум аз 17 апрели 2020 изҳор намуданд, ки: "Мо бояд маданияти заминдориро ба таври қатъӣ баланд бардорем, яъне муносибати худро нисбат ба замин, об ва дигар захираҳои табиии кишварамон куллан тағйир диҳем, ба холӣ мондани заминҳои корам роҳ надиҳем. Ҳар як гектар замин, аз ҷумла қитъаҳои замини наздиҳавлигиро самаранок истифода намуда, аз заминҳои обӣ гирифтани 3 ва ҳатто 4 ҳосил, яъне кишти такрориро васеъ ҷорӣ намуда, ҳар чи бештар маҳсулот истеҳсол намоем".

Натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии муассисаҳои илмӣ ба исбот расонидаанд, ки манбаи асосии захираи зиёд намудани истеҳсоли хӯроки чорво дар ҷумҳурӣ вобаста ба минтақаҳо, ин интихоби дурусти навъу зироат, технологияи парвариш, риояи киштгардони илман асосноккардашуда, коркарди усулҳои самаранок истифодабарии заминҳои корам бо мақсади рӯёнидани якчанд ҳосил аз як қитъаи замин ба шумор меравад.

Аммо, тадқиқотҳои амалишуда, бинобар сабаби тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ ва талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ба маводи ғизоӣ тамоми масоили ин соҳаро дарбар намегирад. Интихоби дурусти зироат ва навъ барои кишти фосилавӣ бо дарназардошти реҷаи гармӣ ва рӯшноӣ имконият фароҳам меорад, ки давраи мусоиди нашъунамо барои растанӣ ба пуррагӣ истифода шавад.

Давлатова Рухшона Нодирхоновна соли 2013 ба Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дохил шуда, ин муассисаро соли 2017 бо ихтисоси меваю сабзавот ва токпарварӣ хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатиаш аз соли 2017 то 2021-ассистенти коллеҷи махсусгардонидашудаи шаҳри Бохтар ва аз соли 2021 то ин ҷониб ассистенти кафедраи меваю сабзавот ва токпарварии факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзӣ Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур идома дорад.

боқимондаҳои решаву поя боқӣ мемонанд, ки ба ҳосилхезии хок ва ҳосилнокии зироатҳои баъд киштшаванда мусоидат менамоянд.

Бинобар ин, тадқиқотҳои бисёрсола, ки ба интихоби дурусти зироатҳои фосилавӣ, таъсири онҳо ба ҳосилхезии хок, ба зироатҳои баъд киштшаванда ва кор карда баромадани усулҳои илман асосноки самаранок истифодабарии заминҳои корами обӣ бо мақсади рӯёнидани якчанд ҳосил аз як қитъаи замин дар шароити ҷануби Тоҷикистон равона шудааст, мубрам ва аҳаммияти илмию амалӣ дорад.

Давлатова Рухшона Нодирхоновна соли 2013-2017 донишҷӯи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур.

Солҳои 2017-2019 - магистри Донишгоҳи шаҳри Бохтар ба номи Носири Хисрав.

Солҳои 2019-2021 - ассисенти кафедраи агрономӣ ва фермерии колеҷи махсусгардонидашудаи шаҳри Бохтари вилояти Хатлон.

Солҳои 2020-2023 - докторанти (PhD) аз руйи ихтисоси 6D080101– Зироаткории умумӣ, растанипарварии Институти зироаткории АИКТ.

Аз январи соли 2021 то ба имрӯз дар вазифаи ассисенти кафедраи меваю сабзавот ва токпарварии факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистони ба номи Ш. Шотемур фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар ҳаҷми 174 саҳифа матни компютерӣ таҳия гардида, аз муқаддима, 6 боб, хулоса, тавсия ба истеҳсолот, 16 расм, 52 ҷадвал, 7 диаграмма иборат мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 177 ададро дар бар мегирад, ки аз он ҷумла 4 муаллифони хориҷӣ мебошанд.

Боби 1-уми диссертатсия аз 4 зербоб иборат мебошад, ки дар онҳо шарҳи таҳлилии адабиётҳои муаллифони ватанӣ ва бурунмарзиро дар бораи маълумоти умумӣ дар бораи зироатҳои фосилавӣ, аҳамияти онҳо, маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ вобаста ба муҳлати кишт, таъсири зироатҳои фосилавӣ ба ҳосилхезии хок ва ҳосили зироатҳои баъд киштшаванда ва самаранокии заминҳои корам аз истифодаи зироатҳои фосилавӣ дар пайвастагӣ бо зироатҳои баъдкиштшаванда вобаста аз минтақаҳои ҷумҳурӣ ва хориҷӣ баён шудааст. Аз натиҷаи тадқиқотҳо бар меояд, ки дар шароити Тоҷикистон имкониятҳо вуҷуд дорад, то аз ҳисоби истифодаи зироатҳои фосилавӣ дар пайвастагӣ бо дигар зироатҳои кишоварзӣ на кам аз 3 ҳосили аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатнок рӯёнида шавад.

Дар боби 2-юм, ки аз 3 зербоб иборат мебошад, диссертант дар онҳо тавсифи хоку иқлими ноҳияи Кушониён, мавзеъи таҷрибаи саҳроӣ, шароити

коркарди технологияи истифодаи самараноки заминҳои корами обии ҷануби Тоҷикистон барои рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил дар 1 сол равона гардидааст, ки барои расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар- таъмини амнияти озуқаворӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Мақсади тадқиқот. Омӯхтани хусусиятҳои тараққиёт, инкишоф ва маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар кишти тоза ва омехта вобаста ба муҳлати кишт, таъсири он ба ҳосилхезии хок, зироати баъд киштшаванда дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корам ва таҳияи усулҳои илман асоснок доир ба рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил дар як сол иборат мебошад.

Вазифаҳои тадқиқот:

- муайян намудани хусусиятҳои тараққиёт ва инкишофёбии зироатҳои фосилавӣ дар кишти тоза ва омехта;
- омӯзиши маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ вобаста ба муҳлати кишт.
- муайян кардани ҳосилнокии бокимондаҳои решапоя вобаста ба вариантҳои кишт;
- интихоби зироатҳои ғаллагиҳо барои гузаронидани кишти омехта бо сурепитса ва мушунг;
- омӯхтани таъсири зироатҳои фосилавӣ ба ҳосилхезии хок ва ҳосилнокии зироати баъдкиштшаванда;
- кор карда баромадани усулҳои илман асосноки рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил аз як қитъаи замин;
- самараи иқтисодии парвариши зироатҳои кишоварзӣ бо роҳи самаранок истифодабарии заминҳои обӣ;

Объекти тадқиқот. Ба сифати маводҳои тадқиқотӣ 9 номгӯйи зерини навъҳои нави зироатҳои фосилавӣ, техникӣ ва хӯроки чорво мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд. Мушунги навъи Серҳосил, сурепитсаи навъи Вахш-26, сулии навъҳои Тоҷикӣ-70, Тоҷикӣ-50 ва Тезпазак, ҷавдори навъи Вахш-128, ҷуворимаккаи навъи Шараф-19, пахтаи навъи Нодир, офтобпараст навъи Нурафшон ва арзани навъи Дурахшон.

Навгонии илмии тадқиқот. Бори аввал дар минтақаи Вахш маҳсулнокии навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ бо назардошти тағйирёбии иқлим дар ҷараёни истифодабарии самараноки заминҳои корами обӣ бо мақсади рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил аз 1 қитъаи замин омӯхта шуд ва конвейери сабз – системаи истеҳсоли таъмини муттаасилу бе танаффуси чорво бо хӯрокаи серғизо кор карда баромада шуд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда, усулҳои илман асосноки рӯёнидани на кам аз 3 ҳосили

зироатҳои кишоварзӣ дар 1 сол кор карда баромада, ба истеҳсолот пешниҳод карда шуд. Амалӣ гардонидани ин натиҷаҳои таҳқиқот дар истеҳсолот имконият медиҳад, ки бо роҳи самаранок истифода намудани заминҳои корам ва аз ҳар 1 гектар 3-4 ҳосил дар давоми сол бо самараи иқтисодии баландро таъмин менамоянд.

Ин усули пайдарпай ҷойгир намудани зироатҳо дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корам тайи солҳои 2022-2023 дар заминҳои обии филиали Институти зироаткорӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар масоҳати 22 гектар татбиқ карда шудааст.

Боби 1-уми диссертатсия, ки аз 4 зербоб иборат мебошад дар он таҳлили адабиёти муаллифони ватанӣ ва бурунмарзиро дар бораи маълумоти умумӣ дар бораи зироатҳои фосилавӣ, аҳаммияти онҳо, маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ вобаста ба муҳлати кишт, таъсири зироатҳои фосилавӣ ба ҳосилхезии хок ва ҳосили зироатҳои баъд киштшаванда ва самаранокии заминҳои корам аз истифодаи зироатҳои фосилавӣ дар пайвастагӣ бо зироатҳои баъдкиштшаванда вобаста аз минтақаҳои ҷумҳурӣ ва хориҷӣ баён шудааст. Аз натиҷаи таҳқиқот бар меояд, ки дар Шароити Тоҷикистон имкониятҳо вуҷуд дорад, ки аз ҳисоби истифодаи зироатҳои фосилавӣ дар пайвастагӣ бо дигар зироатҳои кишоварзӣ на кам аз 3 ҳосили аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатнок рӯёнида шавад.

Дар боби 2-юм, ки аз 3 қисм иборат мебошад, диссертант дар тавсифи хоку иқлими ноҳияи Кушониён, мавзеи таҷрибаи саҳроӣ, шароити агрометерологӣ, объекти тадқиқот, методикаи иҷрои таҷрибаҳо ва агротехникаи парвариши зироатҳоро дар кишти 1-ум, 2-юм ва 3-юм ба пуррагӣ шарҳ додааст. Дар солҳои тадқиқотии 2020-2023 ҳарорати миёнаи ҳаво ба 17,6^{0}С расид, ки нисбати маълумоти бисёрсола 1,9^{0}С зиёд мебошад. Тибқи маълумоти бисёрсола (аз 13-уми феврал то 12-уми декабр) давомнокии ҳарорати зиёда аз 5^{0}С ба 301 рӯз баробар аст. Бинобар тағйирёбии иқлим дар солҳои санҷиши давомнокии ҳарорати зиёда аз 5^{0}С аз моҳи феврал то 31-уми декабр ба 334 рӯз баробар шудааст. Ин гармшавии ҳаво имконият медиҳад, ки заминҳои корам тамоми сол истифода бурда шавад.

Дар боби 3-юми диссертатсия натиҷаҳои асосии тадқиқоти илмӣ дарҷ шудааст, ки аз 6 зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур докторант сабзиш ва инкишофёбии зироатҳои фосилавӣ, маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ вобаста ба намуд ва муҳлати кишт, сабзиш ва инкишофёбии ҷуворимакка ва маҳсулнокии он вобаста ба пешинакишт, маҳсулнокии бозрӯйиди зироатҳои хӯроки чорво дар кишти 3-юм ва бозрӯйид динамикаи афзоиши қад ва сатҳи

барги растаниҳо, ҷамъи ҳарорати ҳавои зиёда аз 5 ва 10^0C дар давраи нашъунамо, самараи иқтисодии парвариши пайдарпайи зироатҳои кишоварзиро дарҷ намудааст.

Дар натиҷаи тадқиқот Давлатова Рухшона собит намудааст, ки дар мавриди интихоби дурусти зироатҳо, кишти пайдарпайи онҳо имконият фароҳам меорад, ки самаранокии ҳар 1 гектар замин афзоиш ёбад ва аз ҳар 1 гектар замин 4 ҳосили анбӯҳи сабз рӯёнида шавад. Ин усули кишт пайдарпайи зироатҳо (кишти омехтаи мушунг бо ғаллагиҳо+ ҷуворимакка+ арзан, офтобпараст, мушунг ва бозруиди арзан, мушунг) вобаста ба вариантҳои санҷиши рӯёнидани 1903-2065 с/га анбӯҳи сабз, 356-385 с/га воҳиди хӯрока ва 38,1-41,1 с/га протеини ҳазмшавандаро таъмин намуд.

Боби 4-уми диссертатсия, ки ба самаранок истифодабарии заминҳое, ки барои кишти пахта пешбини шудааст аз 3 қисм иборат мебошад. Докторант шароити иқлими макони таҷрибаҳоро таҳлил намуда, қайд намудааст, ки ҳарорати миёнаи шабонарӯзӣ дар солҳои тадқиқотӣ аз моҳи ноябр то моҳи март ба $8,7^0$C баробар шудааст, ки нисбати маълумоти бисёрсола $2,6^0$C зиёд шудааст ва давомнокии ҳарорати миёнаи шабонарӯзӣ зиёда аз 5 ^{0}C ба 332 рӯз баробар шудааст, ки нисбати маълумоти бисёрсола (300) 32 рӯз зиёд шудааст. Дар вақти тартиб додани нақшаи кишт пайдарпайи зироатҳо тағирёбии иқлим ба назар гирифта шудааст.

Бокимондаҳои реша дар қабати 0,40 см хок ба 38-44 с/га ва аз кишти омехта ба 47-56 с/га баробар шуд, ки ба ҳосилхезии хок таъсири мусбат расонидааст. Инчунин дар ин боб сабзиши мутлақи зироатҳои фосилавӣ,захираи анбӯҳи сабз, моддаи хушк, воҳиди хӯрока, протеини ҳазмшаванда ва миқдори протеини ҳазмшаванда ба 1 кг воҳиди хӯрока, нишондодҳои сохти морфологӣ, таҳлили биометрии зироатҳои фосилавӣ ва самараи иқтисодии парвариши онҳо нишон дода шудааст.

Докторант Давлатова Рухшона Нодирхоновна муфассал таҳлили иқлимии минтақаи таҷрибавиро шарҳ додааст, ки ҳарорати миёнаи ҳаво дар солҳои санҷиши зиёда аз 0^0C; 5; 10^0C нисбати бисёрсола аз 20-уми август то 30-юми ноябр 142^0C; 142^0C; 145^0C зиёд гардидааст. Инчунин натиҷаҳои мушоҳидаҳои фенологӣ, давомнокии давраи нашъунамо, сабзиш ва афзоиши растаниҳо, маҳсулнокӣ ва самараи иқтисодии парвариши зироатҳо дар кишти 3-юм илман асоснок таҳлил шуда, қайд намудааст, ки дар давраи кӯтоҳи 50-67 рӯзи нашъунамо 618-584 с/га анбӯҳи сабз ҷамъоварӣ шудааст. Самараи иқтисодӣ вобаста ба вариантҳои санҷишӣ 4226-4580 сомонӣ/га-ро ташкил намуд, ки арзиши аслии 1 сентнер маҳсулот ба 7,6-7,8 сомонӣ баробар шуд.

Дар боби 5-ум натиҷаҳои асосии корҳои таҳқиқотиро оиди маҳсулнокӣ ва самараи иқтисодии рӯёнидани 4 ҳосили анбӯҳи сабз дар системаи

самаранок истифодабарии заминҳои корами обёришаванда оварда шудааст. Ҳосилнокии анбӯҳи сабз вобаста ба вариантҳои санҷишӣ аз ҷамъи 4 ҳосил 1903-2065 с/га воҳиди хӯрока, 356-385 с/га ва протеини ҳазмшаванда 38-41 с/га баробар шудааст. Самараи иқтисодӣ аз чунин усули пайдарпайи парвариши зироатҳои кишоварзӣ 17430-20357 сомонӣ/га-ро ташкил намудааст. Аз усули кишти пайдарпайи зироатҳои фосилавӣ+пахта +кишти омехтаи офтобпараст бо мушунг аз ҷамъи ду ҳосили анбӯҳи сабз аз 1 га ба ҳисоби миёна 903,0 сомонӣ даромади соф, 7950 сомонӣ аз парвариши пахта 14520 сомонӣ ва азҷамъи 3 ҳосил 22470 сомонӣ/га даромади соф гирифта шудааст.

Дар боби 6-уми диссертатсия натиҷаҳои санҷиши истеҳсолиро дарҷ намудааст. Дар соли 2023 дар шароити заминҳои обии филиали Институти зироаткории вилояти Хатлон натиҷаҳои тадқиқот дар масоҳати 22 га татбиқ шудаа. Аз усули кишти пайдарпайи зироатҳои фосилавӣ – пахта+офтобпараст, мушунг мутаносибан ҳосилнокии 241; 32; 422 с/га рӯёнида шудааст, фоидаи соф аз ҷамъи 3 ҳосил 17123 сомонӣ/га-ро ташкил медиҳад. Аз кишти пайдарпайи кишти омехтаи мушунг+сулӣ+ҷуворимакка+ кишти омехтаи офтобпараст, арзан, мушунг+бозрӯйиди арзан ва мушунг дар ҷамъ 4 ҳосил 1717 с/га анбӯҳи сабз ҷамъоварӣ гардида ва самараи иқтисодӣ дар ин ҳолат ба 17146 сомонӣ/га баробар шудааст.

Дар хулосаи пешниҳодшудаи диссертант натиҷаҳои асосии бадастомадашудаи тадқиқотро ҷамъбаст намуда, қайд мекунад, ки дар шароити камзамини ҷумҳурӣ талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ба маводҳои ғизоӣ ва тағйирёбии иқлим кор карда баромадани усулҳои илман асосноки самаранок истифодабарии заминҳои корами обӣ ва рӯёнидани 3-4 ҳосил дар 1 сол ниҳоят муҳим ва актуалӣ буда, барои расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар- амнияти озуқаворӣ нақши муҳим доранд. Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии тадқиқотҳои илмӣ ҷамъбаст гардидааст.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлили мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи "Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷанубии Тоҷикистон" ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оиди тартиби ба расмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии

атестатсионии назди Президанти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101–Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ
номзади илмҳои кишоварзӣ,
дотсент Шарипов Р.Р.

Суроға: 735022, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Ҳисор шаҳраки Шарора, кучаи М. Турсунзода. х. 16
тел.: +992 900-00-17-42.
E-mail: ziroatkor@mail.ru.

Имзои Р.Р. Шарипов – ро тасдиқ
менамоям: Нозири калони кадрҳои
Институти зироаткории АИКТ Пирова М.И.

Суроға: 735022, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Ҳисор шаҳраки Шарора, кӯчаи Дӯстӣ
тел.: +992 777-07-59-59
E-mail: ziroatkor@mail.ru.